# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода оид ба диссертатсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

«29» 09 соли 2022 ш. Душанбе

Диссертатсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба таҳқиқи қиёсии навъи исмии воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст.

Фразеология яке аз сарчашмаҳои муҳимтарини ғанӣ гаштани ҳар як забон, аз ҷумла забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Фразеологияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бою рангин аст. Дар таркиби луғавии ин забонҳо миқдори зиёди ибораҳои таркибан рехтаву устувори сермаъно ва услубан мухталиф зиёданд, ки дар услубҳои гуногуни нутқ истифода шуда метавонанд. Аз ин рӯ, воҳидҳои фразеологии забонҳои зикргардида, бахусус фразеологизмҳои забони англисӣ ҳам барои омӯзандагон ва ҳам барои мутарҷимон мушкилоти азимеро пеш меоварад. Танҳо омӯзиши амиқи низоми фразеологии забон аз нуқтаи назари муқоисавӣ барои хубтар фаҳмидан ва мукаммалтар донистани он ёрӣ мерасонад. Бад-ин сабаб, таҳқиқи муқоисавӣ-қиёсии хосиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар илми забоншиносӣ аз аҳамият холӣ набуда, аз мубрамии мавзуи мавриди назар шаҳодат медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Аслонова Гулрухсор ба яке аз масъалаҳои норавшан ва омӯхтанашудаи фразеологияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳияву омода шудааст ва дар он бори аввал монандиву тафовути қолабӣ ва луғавӣ-маъноии фразеологизмҳои исмӣ таҳлилу баррасӣ ва муайян гаштаанд, ки аз навоварии кори таҳқиқотӣ гувоҳӣ

медиҳад.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро адабиёти илмиву нарзариявии забоншиносони ватаниву хориҷӣ ташкил медиҳанд. Маълум шуд, ки зимни баррасии масоили баҳсталаби диссертатсияи мазкур дастовардҳои илмии олимон, ба мисли Ш.Балли, В.В.Виноградов, С.И.Ожегов, А.И.Смирнитский, Н.Н. Амосова, А.В.Кунин, Л.П.Смит, Н.Маъсумӣ, М.Ф.Фозилов, С.В. Хушенова Ҳ.Маҷидов ва М.Н. Азимова ҳамчун асосҳои назариявӣ ва методологӣ истифода гардидаанд.

Таҳқиқоти басомонрасондаи Аслонова Гулрухсор арзиши баланди илмӣ дошта, тартиби масъалагузорӣ ва ҳалли онҳо мантиқан дуруст ба роҳ монда шудааст. Диссертатсия ба забони илмӣ иншо шуда, дорои мазмуну муҳтавои баланди илмист. Натиҷагириву хулосабарориҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки унвонҷӯ объекти таҳқикро ба таври зарурӣ омӯхта, таҳлилу баррасӣ намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо, ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия», ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ гардидааст, таълиф шудааст.

Дар қисми муқаддима довталаб мубрамии мавзуи интихобгардидаро асоснок намуда, ҳамчунин дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаву мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявию амалӣ ва методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии муҳаққиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи

диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро тавсиф намудааст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии таҳқиқи воҳидҳои фразеологӣ дар забоншиносӣ» ном дошта, дар он таърихи бавуҷудоии фанни фразеология ва рушди он дар забоншиносии тоҷику рус ва *Аврупо маълумот дода шудааст. Боби мазкур ба назарияи фразеология* бахшида шуда, дар он ақидаву таълимотҳои забоншиносони дохилу хориҷӣ тавзеҳ ёфтаанд, ҳамчунин масъалаҳои муҳим ва ҳалнагаштаи фразеологияро муаллиф нишон додааст.

Боби дуюми диссертатсия «Таҳлили сохторию грамматикии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои муқоисашаванда» унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Дар баробари омӯзиши хусусиятҳои семантикӣ таҳлили хосияти сохтории воҳидҳои фразеологӣ аз аҳамият холӣ нест. Ҳарчанд бархе олимон дар омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ баррасии сохторию грамматикӣ ва таҳлили ҷузъҳои таркибии онҳоро зарур намешуморанд, аммо аз ҳар паҳлу омӯхтани фразеологизмҳо барои кашфу муайян намудани ин ё он масъалаи фразеологӣ муҳим аст ва ба натиҷаи кори тадқиқотӣ таъсири мусбат мерасонад. Бо дарки ин маънӣ аз назари муаллиф таҳлили сохторӣ-грамматикии воҳидҳои дур намондааст. Махсусан дар таҳқиқи муқоисавии воҳидҳои фразеологӣ ба ин масъала рӯй овардан шарт аст. Ба навъҳо тақсим ва қолаббандӣ гаштани воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои муқоисашаванда ҷолиби диққат аст, зеро аз рӯи қолабҳои тарҳрезишуда қолабҳои умумиву хоси ин забонҳо ошкор гардида, ҷузъҳои таркибӣ ва тартибу алоқаи байниҳамдигарии онҳо муайян гардидаанд.

Дар боби сеюм бошад сухан дар бораи «Хусусиятҳои луғавию семантикии воҳидҳои фразеологии исмӣ» меравад. Муҳаққиқ дар бораи воҳидҳои фразеологии исмии аслӣ, сарчашмаҳои пайдоиши таркибҳои устувори иқтибосӣ дар забонҳои муқоисашаванда, мутазодшавӣ, муродифшавӣ, сермаъноӣ ва воҳидҳои фразеологии маҷозиро таҳқиқ намудааст. Дар ҳар як фасл фразеологизмҳои исмии забонҳои тоҷикӣ ва

англисиро аз рӯи хосияти умумиву мутафовит ва тобишҳои маъноиашон тасниф карда бо мисолҳо асоснок намудааст.

Дар хулосаи кор мазмуну муҳтавои диссертатсия дар даҳ банд натиҷагирӣ карда шуда, мақсад ва вазифаҳои пешгузоштаи муҳаққиқ пурра дар он ҷамбаст гардидааст.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ комилан мувофиқ мебошад.

Нуктаҳои асосии диссертатсия дар 9 мақола, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки бевосита ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ ва арзиши амалии онро ба назар гирифта комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновнаро дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя пешниҳод намудан мумкин аст.

Дар асоси банди 60-и «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», комиссияи экспертӣ чунин **хулоса** мекунад:

1. Диссетатсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки бо корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

2.1.**Тағоева Табассум Музафаровна** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

2.2.**Камолова Гулрухсор Рустамовна** – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

3. Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда **Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Каримов Ш.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Шербоев С.

номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Насруллоев М.